Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://istilohot.tj)

# Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва раванди татбиқи он

Submitted by Ҳайати тадорукот on 7 May, 2025 - 06:29
[1]

Дар Кумитаи забон ва истилоҳот роҳҳои пешгирии коррупсия шарҳ дода шуд 7 майи соли 2025 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то

соли 2030 ва раванди татбиқи он" аз тарафи намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши назариявӣ гузаронда шуд. Дар раванди хониш мафҳум, моҳият ва таърихи коррупсия, иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуби замони муосир, такмили қонунгузорӣ дар самти муқовимат бо коррупсия, иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030, барномаи амали он дар марҳалаи якум, яъне солҳои 2021-2025, инчунин, роҳҳои пешгирӣ, инчунин, кам кардани хавфи коррупсионӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар охири муҳокимаи мавзӯи омӯзиши назариявӣ саволу ҷавоб сурат гирифта, иброз гардид, ки бо татбиқи пурраи ҳадафҳои стратегии кишвар, амалӣ намудани барномаҳову консепсияҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки мақсади асосии онҳо паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва дар натиҷа муҳайё намудани зиндагии шоиста ба ҳамаи мардуми шарафманди Тоҷикистон мебошад, мо метавонем дар мубориза бо ин зуҳуроти хатарнок ва паст намудани шиддати он ба натиҷаҳои назаррас расем.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

-

•

- 

-

**Source URL:**http://istilohot.tj/en/node/7121

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250507-WA0006.jpg [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250507-WA0006.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250507-WA0010.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250507-WA0020.jpg [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250507-WA0024.jpg [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250507-WA0030.jpg [8] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250507-WA0033.jpg